*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1. телефон: +992(3422)23811 факс: +992(3422)25170; e-mail: tsulbp@rambler.ru)*

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Соҳибназарзода Зикриддин Тоҷиддин дар мавзуи «Фаъолнокии сармоягузорӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ). – Хуҷанд, 2026. – 168 саҳифа**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот бо Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ), алалхусус ба бандҳои зерин: 6. Иқтисодиёти ҳудудӣ. Вижагиҳои ҳудудии таъсисёбии низоми инноватсионии миллӣ. Мушкилотҳои ташаккулёбии зернизомҳои инноватсионии минтақавӣ. Лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ: мақсад, объектҳо, захираҳо ва самаранокӣ; Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо; Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо; Лоиҳаҳои инвеститсионии ҳудудӣ; Муҳити сармоягузорӣ бо назардошти воҳидҳои минтақавию ҳудудӣ; Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва самаранокии истифодаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо мутобиқат менамояд.

**2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқ**. Дар шароити ҳозира Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи Стратегияи рушди миллӣ дар давраи то соли 2030 самти стратегии гузариш ба ташкили шакли индустриалӣ-аграрии иқтисодиётро қабул кардааст. Дар шароити имрӯзаи мавҷуда «рушди шаҳру ноҳияҳо бо назардошти ба ҳисоб гирифтани манфиатҳои миллӣ яке аз роҳҳое маҳсуб мешавад, ки сиёсати иқтисодии

мамлакатро муайян месозад. Аз ин рӯ, дар доираи татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегияи миллӣ омода сохтан ва амалӣ намудани барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии маҳал зарур мебошад». Дар робита бо ин, дар доираи амалӣ гардонидани ҳуҷҷатҳои стратегӣ зарурати коркард ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои мамлакат, ки шароитҳои асосии баландшавии дараҷаи рақобатпазирии иқтисодиёти мамлакатро дар маҷмӯъ муайян месозад, ба миён меояд. Аз ин рӯ, зарурати дарки назариявии равандҳои ташаккули бозорҳои минтақавӣ ва таҳқиқи талаботи сармоягузории субъектҳои хоҷагидории иқтисодиёти минтақа, ки асосҳои консептуалии такмили механизмҳои коркарди лоиҳаҳои ҳақиқии сармоягузорӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки татбиқи онҳо ба масъалаи муҳимми таҳқиқоти илмӣ табдил ёфтааст. Аз ин лиҳоз аз нуқтаи назария ва амалияи илми иқтисодӣ, аз ҷумла иқтисодиёти минтақавӣ таҳқиқи масъалаҳои танзими фаъолнокии инвеститсионӣ чун механизми асосии баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа масъалаи мубрам мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар ғанӣ гардонидани назарияву консепсияҳои сармоягузорӣ, коркарди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионӣ дар иқтисодиёти минтақа равона карда шудааст. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар якчанд самт ифода меёбад.

Дар таҳқиқот муқарраротҳои назариявӣ оид ба сармоягузорӣ низомбандӣ гардида, дар асоси он ба мафҳуми таҳқиқот саҳеҳӣ ворид карда шудааст. Ба андешаи муаллиф, сармоягузории минтақавӣ ин ҷараёни ҷойгиркунии захираҳову имкониятҳои молиявии минтақа инчунин маблағгузорӣ, аз сарчашмаҳои беруна ҷалбшуда, дар самти афзоиш, азнавсозии фондҳои асосӣ, таҷҳизонидани техникӣ баҳри таъмини такрористеҳолоти васеъ, фаъол намудани ҷараёнҳои

инноватсионӣ мебошад. Муаллиф асоснок намудааст, ки услуби нишондиҳандаҳои арзёбии фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақа бисёрҷанба буда, нисбат ба иқтисодиёти миллӣ истифодаи усули маҷмуавии интегралӣ мувофиқи мақсад аст.

Дар раванди таҳқиқ муайян карда шудааст, ки дар иқтисодиёти вилояти Суғд ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ тамоили ноустувор дорад. Докторант асоснок намудааст, ки барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар ноҳияҳои Ашт, Зафаробод, Кӯҳистони Мастчоҳ, Шаҳристон ҷаззобияти баланд ва имкониятҳои муносиб доранд. Ҳамчунин аз ҷониби муаллиф, тибқи меъёри сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ шаҳру ноҳияҳои вилоят гурӯҳбандӣ карда шудааст, ки дар асоси он гурӯҳи пешқадам - н. Б.Ғафуров, ш. Панҷакент, ш. Хуҷанд, сатҳи миёна - ш. Гулистон, Истиқлол, Исфара, Конибодом, н. Ҷ. Расулов, н. Ашт ва ақибмонда (дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят) муқаррар карда шудааст.

Яке аз унсурҳои назаррасИ навгонии илмии таҳқиқот дар коркарди амсилаи таъсири омилҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба ҷараёни фаъолнокии сармоягузорӣ дар в. Суғд ифода мегардад. Дар заминаи амсилаи таҳияшуда, муаллиф исбот намудааст, ки дар шароити муосир оид ба густариши равишҳои сармоягузорӣ дар вилояти Суғд таъсири соҳаи хизматрасонӣ нақши пешбарро доранд, мавқеи дуввум ба ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти минтақа ба ҳар сари аҳолӣ рост меояд. Дар баробари ин, амсилаи бисёромила оид ба арзёбии таъсири вазъи иқтисодиёти минтақа барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ низ таҳия гардидааст, ки дар асоси мавқеи назарраси таъмини сатҳи рушди маҷмуи маҳсулоти минтақа ба ҳар сари аҳолӣ асоснок карда шудааст. Дар робита бо он, муаллиф муайян кардааст, ки гарчанде таъсири тағйирёбии индекси нархҳои истеъмолӣ дар ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти в. Суғд назаррас аст, вале таъсиррасонияш манфӣ ҳисобида мешавад.

Дар таҳқиқот бо истифода аз функсияи истеҳсолот таъсири миқдории равишҳои сармоягузорӣ ба сатҳи рушди иқтисодиёти в. Суғд арзёбӣ карда шудааст. Мудаллал гардидааст, ки дар шароити муосир ҳиссаи захираи меҳнат нисбат ба сармоя дар таъмини рушди иқтисодӣ бештар буда, эътимоднокии воқеӣ дорад. Ҳамчунин самаранокии сармоягузориҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят муайян карда шуда, маҷмуи тавсияҳо оид ба такмили механизмҳои ташкилӣ-идоракунӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ оид ба баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаҳо ва тавсияҳои баёнгардида дар диссертатсияи Соҳибназарзода З.Т. ба таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ, методологӣ ва таҷрибавии масъалаҳои амалигардонии сиёсати иқтисодии давлатӣ дар сатҳи вилояти Суғд такя мекунанд. Эътимоднокии онҳо пеш аз ҳама аз истифодаи маҷмӯи бойи манбаъҳои иттилоотӣ, санадҳои расмии давлатӣ, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва маводи таҳқиқотии олимону муассисаҳои илмӣ бармеояд.

Қобили зикр аст, таҳқиқот самтҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳое пешниҳод шудаанд, ки таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавиро инъикос мекунад.

Барои таҷдиди ҳадафҳои таҳқиқот ва равияҳои ҷалби саромоя маҷмуи тадбирҳо дар алоҳидагӣ аз рӯйи соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва соҳаи иҷтимоиёт пешниҳод карда шудааст.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии кор 168 саҳифа, аз ҷумла 33 ҷадвал, 5 расм ва 150 рӯйхати адабиётро дар бар мегирад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муаян шудаанд.

**Дар боби якум** «Асосҳои илмӣ-назариявии рушди стратегияи сармоягузорӣ дар минтақаҳо» асосҳои назариявии сармоягузорӣ дар иқтисодиёти муосир, равишҳои методологӣ дар арзёбии ҷолибияти сармоягузории минтақа, таҷрибаи хориҷии идоракунии сармоягузорӣ дар минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. (С.16 - 65).

Аз ҷумла, зимни омӯзиши асосҳои назариявии сармоягузорӣ дар илми иқтисодиёти муосир, муаллиф бо истифода аз манбаъҳои гуногуни илмии олимони ватаниву хориҷӣ, маводи оморӣ ва маълумоти амиқи соҳавиро ҷамъоварӣ ва таҳлил намудааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда замина фароҳам оварданд, то қонуниятҳо, равандҳо ва мушкилоти мавҷуда дар самти татбиқи фаъолноки ва ҷалби сармоягузорӣ муайян ва таҳлил шаванд. Муаллиф дар ин қисмат омилҳои муҳимтарини рушди иқтисодӣ моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори истеҳсолии минтақаро шарҳ дода, равишҳои ташаккул ва такмили он, мушкилоти марбут ба татбиқи амалии стратегия, таҳлили фаъолнокии сармоягузорӣ ва такмили он дар шароити муосири бозор, инчунин истифодаи технологияҳои замонавии тадқиқоти ҷалби сармоягузориро ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор додааст (с. 16–30).

Муаллиф бар он назар аст, ки барои таъмини самаранокии ҷолибияти сармоягузорӣ байни мақсади сармоягузорӣ, манбаъҳои сармоягузорӣ усулҳои сармоягузорӣ ва усулҳои ҷалби сармоягузориҳо алоқаи зич мавҷуд буда, сармоягузорон на танҳо бо худи объектҳо, инчунин захираҳои дар минтақа мавҷуд буда, ки дар тавсифи умумии ҷолибияти сармоягузории минтақа инъикос ёфтаанд, таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Дар маҷмуъ, муаллиф ҳангоми гурӯҳбандии минтақаҳо аз рӯи фазои мусоиди сармоягузорӣ онҳоро ба категорияҳо тақсим намуда, пешниҳод

менамояд, ки дар ҳар минтақа ба самтҳои асосии сармоягузорӣ эътибори ҷиддӣ додан лозим аст. (с. 31–46).

Дар доираи зербоби 1.3, муаллиф таҷрибаи кишварҳои хориҷиро дар самти татбиқи фаъолнокӣ ва ҷалби сармоягузориро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Аз ҷумла таҷрибаи кишварҳои Британияи Кабир, Канада, Олмон ва Узбекистон мавриди таҳқиқ қарор дода, ба хулоса омадааст, ки дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи хориҷии идоракунии сармоягузорӣ дар минтақа муаллиф ба хулоса меояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми мукаммал ва самараноки ҷалб ва истифодаи қарзҳои хориҷӣ ва интихоби лоиҳаҳои беҳтарини сармоягузорӣ, муайян намудани афзалиятҳои рушд ва таъмини инфрасохтори қонунгузории маъмурӣ, ҳуқуқӣ ва андозиро роҳандозӣ намудан манфиатбахш аст. (С. 58)

**Дар боби дуюм** «Ҳолат ва муаммоҳо дар таҷдиди фаъолияти сармоягузории вилояти Суғд» таҳлили вазъи муосири сармоягузорӣ ва тамоили он дар вилояти Суғд, таъсири сармоягузорӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа, моделиронии омилҳои таъсиррасон ба афзоиши сармоягузорӣ дар вилояти Суғд анҷом дода шудааст. (С. 66-115).

Аз ҷумла, қайд гардидааст, ки дар шароити муосир барои ташаккули фаъолияти сармоягузорӣ дарёфти сарчашмаҳои худии корхонаҳо аҳаммияти зиёд дорад, зеро дар иқтисодиёти бозорӣ фаъолияти хоҷагидорӣ дар асоси принсипҳои худмаблағгузорӣ, худидоракунӣ, мустақилияти хоҷагидорӣ ба амал оварда мешавад, ҳар як субъекти иқтисодиёт нахуст ба иқтидори худ такя менамояд. Дар ин радиф, пеш аз ҳама қисмҳои таркибии сарчашмаҳои сармоягузории корхонаро баррасӣ намудан мувофиқи мақсад аст. ( С. 92)

Ҳолати натиҷаҳои молиявӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқро низ баррасӣ гардида, масъалаи инкишоф додани сарчашмаи асосии сармоягузориро мақсаднок ҳисобида шудааст. Дар робита бо он,

фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт фоида ба даст овардаанд, дида баромада шудааст. (С. 94)

Дар асоси таҳлили гузаронидашуда, муаллиф, ки барои баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд сиёсати иқтисодӣ дар минтақа, нахуст барои баланд бардоштани иқтидори иқтисодии корхонаҳо, эҳё намудани шароити мусоид барои такрористеҳсоли васеъ бо тавассути ҳамаи фишангҳои таъсиррасонии маъмурии давлатӣ, алалхусус, пешниҳоди лоиҳаҳои инвеститсионӣ, имтиёзҳои андозӣ, имтиёзҳаи қарзӣ ва ғайра, аҳаммият доданро зарур шуморидааст, ки боиси дастгирист. (С. 110)

**Дар боби сеюми** таҳқиқот «Авлавиятҳо дар дурнамои стратегияи сармоягузории иқтисодиёти вилояти Суғд» - самтҳои афзалиятноки ҷалби сармоягузорӣ, такмили стратегияи он дар иқтисодиёти минтақа дида баромада шудааст. (С.116-145).

Аз ҷумла қайд карда шудааст, ки дар шароити муосир таъминнот бо инвеститсия дар ҳар як минтақа шарти самаранок ва омили калидии тараққиёти иқтисодии он ба ҳисоб меравад. Дар ҳақиқат, имрӯз бидуни ҷалби ҳаҷми зарурии сармоя таъмин намудани рушди иқтисодӣ имконнопазир аст. Ҳар як минтақа аз нуқтаи назари сармоягузорӣ афзалиятҳои рақобатиро доро мебошад, алалхусус, вилояти Суғд дар қисми шимоли ҷумҳурӣ ҷойгир шуда, дар он иқтидори хуби саноатӣ аз давраи қаблии Шӯравӣ боқӣ мондааст. (С. 124)

Дар асоси таҳқиқи ҳамаҷониба, самтҳои таҷдиди механизми сармоягузорӣ муайян гардидааст, аз ҷумла афзоиш додани фонди захиравии корхона бо тавассути истифодабарии усули истеҳлокии босуръат ва ҳавасмандии фаъолияти молиявии онҳо; аз байн бардоштани сабабҳои асосии муфлисшавии корхонаҳо дар бахши воқеӣ; истифода бурдани техникаву технологияи муосири каммасраф, сарфаи энергия ва илмталаб; идора намудани гаронии андоз дар корхонаҳо; коркарди чораҳо оид ба ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, ки ба рушди бартариҳои

рақобатӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон асос ёфтааст. (С. 145)

Дар қисмати хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии тадқиқот ҷамъбаст шуда, тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо дар самти баландбардории фаъолнокии инвеститсионии вилояти Суғд пешниҳод гардидаанд.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқоти илмӣ дар мавзӯи «Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, барои таҳкими заминаҳои илмии ҷараёни таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияҳо ва барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мусоидат менамоянд.

Аҳаммияти назариявии рисола дар он ифода меёбад, ки муқаррароти назариявӣ, ки дар кори диссертатсионӣ таҳия гардидааст, барои мукаммал намудани асосҳои назариявии сармоягузорӣ, назарияи иқтисодиёти минтақа, ҷанбаҳои илмии таъмини муҳити инвеститсионӣ мусоидат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои коркардгардида барои вусъатдиҳии фаъолияти инвеститсионӣ дар самти рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа равона гардидааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби Сарраёсати рушди иқтисод ва савдо дар вилояти Суғд, Сарраёсати саноати вилояти Суғд, Раёсати рушди иқтисод, савдо ва мониторинги вилояти Суғд, Сарраёсати сармоягузорӣ ва зидди инҳисории вилояти Суғд дар самти вусъат додани фаъолнокии инвеститсионӣ дар миқёси вилояти Суғд истифода шуданаш мумкин аст. Ҳамчунин, маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни такмил додани барномаҳои таълими фанҳои идоракунии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, менеҷменти молия, микроиқтисодиёт, макроиқтисодиёт, иқтисодиёти минтақа манфиатбахш мебошад.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзӯи диссертатсия.** Дар асоси таҳқиқ ва натиҷаҳои илмиву амалии кори диссертатсионӣ, дар маҷмуъ 9 интишороти докторант, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 адади он дар дигар нашрияҳои илмӣ бо забонҳои гуногун дар ҳаҷми 3,7 ч.ч. вобаста ба мавзуи таҳқиқот ба чоп расонида шудааст. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шудаанд. Дар интишороти муаллиф, ҳамаи мақолаҳои илмӣ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи пешниҳодгардидаро инъикос менамояд, яъне пурра мутобиқат дорад.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Соҳибназарзода Зикриддин Тоҷиддин ба талаботи амалкунандаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 «Дар бораи тасдиқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», инчунин ба қоидаҳои барасмиятдарории Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқ мебошад. Сохтор, ҳаҷм, тартиби пешниҳоди натиҷаҳои илмӣ, тарзи истинод ба манбаъҳо, пешниҳоди рӯйхати адабиёт ва китобшиносӣ, истифодаи ҷадвалҳо ва диаграммаҳо, инчунин талаботи техникӣ ва услубии расмонагирӣ риоя гардидаанд. Мундариҷаи диссертатсия ба таври мантиқӣ буда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия, навоварии илмӣ, асоснокии методологӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бамаврид ва мутобиқ ба талаботҳои тадқиқоти илмӣ ифода ёфтаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори  Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои

грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Хуб мешуд, агар дар доираи зербоби 1.2 услуби таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифт. Зеро, лоиҳаҳаи инвеститсионӣ нақшаест, ки барои таъсисдиҳӣ, модернизатсия ва ё рушди дороиҳои нав бо мақсади ба даст овардани фоида дар оянда равона шудааст.

2. Дар таҳқиқот (ҷадвали 2.2.2) ҳиссаи корхонаҳои зараровар дар вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор гирифта, сабаби он ҳамчун нокифоягии воситаҳои молиявӣ муайян гардидааст. лекин, аз рӯйи таҳлили натиҷаҳои ҷадвал пешниҳодҳои мушаххас оид ба коҳиши ҳиссаи корхонаҳои зараровар ба назар намерасад.

3. Дар диссертатсия самтҳои ояндадори ҷалби сармоя аз рӯйи соҳаҳои хоҷагии халқ (саноат, кишоварзӣ, иҷтимоиёт) пешниҳод гардидааст, ки ин қоибили зикр аст. Агар муаллиф субъектони онҳоро ба таври алоҳидагӣ нишон медод, онгоҳ қиммати таҳқиқот боз ҳам баланд мегардид.

4. Агар дар диссертатсия нақши давлат дар дастгирии фаъолияти инвеститсионии минтақаҳои иқтисодӣ, махсусан минтақаҳои озоди иқтисодӣ пурратар таҳқиқ мегардид, кор бурд мекард. Зеро, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун такондиҳандаи рушди иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ба ҳисоб мераванд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба мӯҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

**9. Хулосаи умумӣ.** Дар маҷмуъ, диссертатсияи Соҳибназарзода Зикриддин Тоҷиддин дар мавзуи «Фаъолнокии сармоягузорӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
**ректори Донишкадаи кӯҳию**
**металлургии Тоҷикистон**
**д.и.и., дотсент** **Маҳмадалӣ Б.Н.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон 735730,
Шаҳри Бӯстон, кӯчаи А. Баротов,
бинои 2, ҳуҷраи 7.
Тел: (+992) 92-027-09-38,
E.mail: bakhtiyr1971@mail.ru

«16» 01 соли 2026

Имзои Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ - ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишкадаи кӯҳию
металлургии Тоҷикистон Мӯминова Д. М.

Суроғаи муассиса:
Ҷумҳурии Тоҷикистон
735730, ш. Бӯстон, кӯчаи А. Баротов, 6
Телефон: (+992-3451) 5-02-89, 5-01-75
E.mail: gmit_tajikistan@mail.ru

«16» 01 соли 2026